**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мирзо Ҳайити Саҳбо аз чеҳраҳои шохиси ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Бо вуҷуди ин доир ба рӯзгор ва осори ин намояндаи соҳибноми адабиёти давраи мазкур то таълифи ин диссертатсия маълумоти нокифоя ва дар шакли пароканда мавҷуд буд. Ҳарчанд дар бархе тазкираҳои муосири шоир ва баъзе кутубу мақолоти мутааддиде роҷеъ ба рӯзгор ва таълифоти Саҳбо маълумот дода бошанд ҳам, вале ин бисёр маҳдуд буд. Хушбахтона, дар даврони Истиқлол куллиёти шоир тавассути устоди фақид Ҳасани Муродиён аз хатти форсӣ ба хатти кириллӣ баргардон ва нашр шуд, ки ин иқдом боис бар он гардид, ки муҳаққиқон ба таълифи рисолаҳои илмӣ даст зананд. Дар ин росто, кори диссертатсионии Шарифзода Ё. Ш. таҳти унвони «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX» аз аввалин иқдомоте маҳсуб мешавад, ки роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёт ва ҷанбаҳои поэтикии ашъори шоир дар шакли диссертатсия ба сомон расидааст.

Тавре аз фишурдаи диссертатсия бармеояд, Саҳбо дар жанрҳои гуногуни лирикӣ қаламфарсоӣ намудааст, ки онҳо аз мухаммас, ғазал, қасида ва дигар анвои шеърӣ иборат мебошанд. Дар ин миён ғазал ҳам аз назари теъдод ва ҳам аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа дар меҳвари таълифоти шоир қарор дорад.

Дар қисмати муқаддима муаллиф оид ба мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, ҳадаф, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, мавзуъ ва масъалаҳои дарпешгузошта, усулҳои интихобнамуда,

аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот ва дигар нукоти ба ин қисмати кор марбут сухан ба миён гузоштааст.

Муаллифи диссертатсия мабоҳиси марбут ба мавзуъро дар се боб тарҳрезӣ карда, ҳар бобро ба фаслҳои алоҳида гурӯҳбандӣ намудааст.

Дар боби якуми кор, ки унвони «**Рӯзгор ва осори Мирзо Ҳайити Саҳбо**»-ро дорад, муаллиф дар ду фасл оид ба рӯзгори Мирзо Ҳайити Саҳбо ва осори гаронарзиши ӯ таҳқиқ бурдааст. Унвонҷӯ бо далоили муътамади илмӣ даврони зиндагии Мирзо Ҳайити Саҳборо яке аз замонҳои пурошубу ноамни Осиёи Миёна ба қалам додааст, ки дар ин давра шоирро амалдорони подшоҳ бо тӯҳмату буҳтон ба таври ваҳшиёна ба қатл расондаанд. Диссертант иброз медорад, ки оид ба рӯзгор ва ашъори шоир муҳаққиқоне монанди Садриддин Айнӣ, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Ҳасани Муродиён, Абдунабӣ Сатторзода, Худойназар Асозода ва дигарон пажӯҳишҳои судманд ба анҷом расондаанд, ин мавод зимни таълифи диссертатсия истифода гардидааст.

Боби дуюми рисола - **«Мушаххасоти анвои шеъри Саҳбо»** ном дошта, се фасли он мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои жанрии ғазалиёти Саҳбо, мухаммасоти Саҳбо ва вижагиҳои онҳо, қасоиди Саҳбо ва хусусиятҳои мундариҷавии онҳоро дар бар мегирад. Он чӣ дар иртибот бо таҳқиқи вижагиҳои анвои шеъри Саҳбо аз тарафи унвонҷӯ қобили қайд аст, ин роҷеъ ба ҳар як мавзуъ зикри шавоҳиди фаровон аз ашъори шоир ва, ҳамчунин, шарҳу тавзеҳи равшани онҳо аз ҷониби муаллиф мебошад.

Боби сеюми диссертатсияро диссертант **«Хусусиятҳои сабкӣ ва поэтикии ашъори Саҳбо»** ном ниҳода, дар он вижагиҳои сабкии ашъори Саҳбо, хусусиятҳои бадеии ашъори Саҳбо, авзони ашъори шоир ва хусусиятҳои он, нақши қофияву радиф ва вижагиҳои онҳо дар ғазалиёти Саҳборо ба таври дақиқу мӯшикофона мавриди баррасӣ қарор додааст. Дисертант иброз медорад, ки аксари ғазалиёти шоир бо забони содаву

равон ва дур аз итноб таълиф шудааст ва ин равиш метавонад хонандаро маҷзуби худ гардонад.

Ҳамчунин, Саҳбо дар корбасти саноеи лафзию маънавии бадеъ чирдаст мебошад. Санъатҳои балоғие, ки шоир дар ашъораш истифода намудааст, аз анвои таҷнис, саҷъ, мувашшаҳот, ташбеҳ, анвои истиора, талмеҳот, санъатҳои сифатчинӣ, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, муболиға ва амсоли инҳо иборатанд. Дар ин миён санъатҳои мувашшаҳ, ташбеҳ, истиора, талмеҳ нисбати дигар саноеъ басомади болое доранд. Шоир тавассути саноеи бадеӣ ҷанбаи мусиқоии ашъорашро низ ғанӣ гардонидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки унвонҷӯ дар пажӯҳиши фаслҳои мазкур ба муваффақиятҳо ноил гардида, тавонистааст вижагиҳои марбут бар қофия, радиф ва баҳрҳои интихобнамудаи Саҳборо ба нафъи аҳсан таҳқиқ намояд.

Аз матни фишурдаи рисолаи мазкур бар меояд, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шудааст.

Ҳарчанд диссертатсия пажӯҳиши амиқи ба итмомрасида маҳсуб ёбад ҳам, вале аз баъзе навоқис холӣ нест, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад:

1. Дар бархе ҷойи автореферат вожаҳои тавсифии хушзавқ (с. 3), ин суханвари мумтоз (с. 3) ва амсоли инҳо ба чашм мехӯранд.

2. Диссертант дар автореферат бархе бобу фаслҳоро ба тариқи ҳуруф ва баръзеро бо арқом овардааст, ки мебоист якнавохт бошанд.

3. Дар кор баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ монанди бе тардид (бетардид с. 3), рисолаи "Қубодиён ("Қубодиён" с. 4) мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Навоқиси мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии фишурдаи диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Банду басти кор ба талаботи услуби илмӣ ҷавобгӯ буда, мазмуну муҳтавои фишурда ҷолиб ва мақолоти мунташирнамудаи диссертант ба мавзуъ мувофиқ мебошад.

Дастоварди илмии диссертант аз он иборат аст, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик мақоми Мирзо Ҳайити Сахбо дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди таҳқиқу баррасии густарда қарор гирифтааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф таҳти унвони **«Мирзо Ҳайити Сахбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 –Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
директори Китобхонаи марказии илмии
ба номи И. Гандии Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон: Суфизода. Ш. З.

Адрес: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Бузургзода, 14
Тел: +(992) 907701111
E-mail: Sufizadeh@gmail.com
Сана: 12.04.2024

Имзои Суфизода Ш. З.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо: Мусаввирова Ш.

Адрес: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телфон ва E-mail муассиса
Тел: +(992) 37 221 43 02
kmiamit@gmail.com